**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-47 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи номзадии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфаҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷамшедов Парвонахон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Рӯзиева Лола Толибовна ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Маҳкамов Мамадҷон рисолаи диссертатсионии Раҷабова Фируза Садриддиновнаро дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфаҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод гардидааст, баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омад.

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он бармеояд, ки рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнии ҷаҳон дар маҷмӯъ ду тамоюли бо ҳам вобаста ва мухолиф: ҳамгироӣ ва тафриқавиро тавсиф менамояд. Қаробати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, омезиши мутақобилаи фарҳангҳо, муттаҳидшавӣ ва робитаҳои байниэтникӣ аз як тараф, афзоиши худшиносии миллӣ, афзалияти арзишҳои фарҳангии ҳар халқ, фаъол гардидани таваҷҷуҳ ба сарчашмаҳои худии фарҳангӣ-таърихӣ аз дигар тараф муҳим будани мавзӯи таҳқиқотро нишон медиҳад.

Таҳлили маталиби дар матбуоти ватанӣ ва хориҷӣ чопшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои рушди сайёра стратегияи гуфтугӯи тамаддунҳоро бо майлони торафт бештар тафсилдиҳии қисматҳои ба ҳам таъсиргузори фарҳанг ва ҳамгироии онҳо дар фазои бутуни фарҳангӣ афзалиятнок мешуморад.

Донистани забони хориҷӣ (минбаъд: ЗХ) ҳамчун воситаи муоширати байнифарҳангӣ бе азхудкунии мувозии фарҳанги дахлдор номумкин аст. Аз ин сабаб раванди таълимро тавре бояд ташкил дод, ки ЗХ ҳамчун хориқаи (феномени) фарҳанги миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, навъи хосаи салоҳият - салоҳияти байнифарҳангӣ тавҷеҳ карда шавад ва дар натиҷаи ниҳоӣ муоширати комили байнифарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ таъмин гардад.

Қобили зикр аст, ки дар даҳсолаи охир рағбат ба масъалаҳои консепсияи муоширати байнифарҳангӣ афзуда истодааст. Вале дар илми педагогика ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ моҳият, мундариҷа ва таркиби падидаи иҷтимоию фарҳангии мавриди таҳқиқоти мазкур амиқан *нокифоя омӯхта шудаанд*. Ҳамаи ин *мубрам будани* коркарди назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забони хориҷиро дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ тасдиқ менамояд.

**Мақсади таҳқиқот:** Аз лиҳози назариявӣ асоснок кардан ва аз тариқи озмоиш санҷидани модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ.

**Объекти таҳқиқот:** Раванди инкишофи салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён ҷиҳати истифодаи технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ.

**Мавзӯи таҳқиқот**. Ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** Асоси таҳқиқотро назарияи зерин ташкил медиҳад: ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ пурсамар хоҳад буд, агар:

- мундариҷаи барномаҳои касбии таҳсилот имкониятҳои таъсиргузории тарафайни фарҳангҳои миллиро, ки барои донишҷӯён аҳаммияти шахсиятӣ доранд, пешбинӣ намояд;

- самтгирӣ ба тамоюли коммуникативии моделҳои муосири хатмкунандагон дар мубрамгардонии ҳолатҳои воқеии муошрати байнифарҳангӣ афзалият дошта бошад;

- модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимиояндаи забони хориҷӣ ва технологияи амалисозии он дар раванди таълими факултаҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ коркард шуда бошад;

- мундариҷаи предметии семинари ихтисосӣ ба фаъолияти касбиояндаи донишҷӯ нигаронида шуда, мундариҷаи тартиботӣ ҳамчун фаъолияти коммуникативии таълимӣ-маърифатӣ бо истифодаи методҳои инноватсионӣ ва фаъоли таълим амалӣ карда шавад;

- низоми дидактикие, ки азхудкунииии давра ба давраро дар ҷараёни омӯзиши фанҳои предметӣ ва касбӣ ва марҳилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ таъмин месозад, ба вуҷуд оварда ва дар амал ҷорӣ карда шавад;

- меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ муайян карда шаванд;

- модели ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ ошкор, тавсиф ва аз лиҳози озмоишӣ санҷида шавад;

- дар раванди таълим бештар методҳо ва воситаҳои технологияҳои бозигӣ, ки навъҳои гуногуни фаъолияти касбии донишҷӯёнро фаро мегиранд, истифода бурда шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Аз асоснок гардонидани ғояҳо ва қоидаҳои асосии рисола, коркарди модели

консептуалие, ки дар асоси муносибатҳои системавӣ-ҳамгирой, шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва босалоҳият барои ҳалли проблемаи ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар гузаронидани кори таҳқиқотӣ, тафсир ва тасдиқи натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳад, иборат мебошад.

Ширкати шахсии муаллиф инчунин аз коркард ва амалисозии семинари махсус дар мавзӯи «Коммуникатсияи байнифарҳангии омӯзгори забони хориҷӣ», ки ба таълими озмоишӣ ворид карда шудааст, ва аз интихоби методҳо ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди таълими касбӣ, аз татбиқи мустақим ва роҳбарӣ ҷиҳати гузаронидани кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз иҷрои мустақилонаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин аз матолиби ба чоп расонда иборат мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро** инҳо таъмин менамоянд: пуррагии муқаррароти назариявӣ, мантиқан зиддияти дохилӣ надоштани таҳқиқот, басанда будани методҳои истифодашуда барои мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин ба кор бурда шудани методҳои математикии коркарди натиҷаҳои озмоиш ва баррасӣ гардидани натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ва баҳои мусбат гирифтани онҳо, таҷрибаи амалии фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Дар муқаддима** муаллиф мубрамии мавзӯи диссертатсияро асоснок намуда, заминаҳои методологии масъала ва мавзӯи мавриди пажӯҳишро муайян карда, дараҷаи коркарди онро нишон додааст. Оид ба мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқот муаллиф андешаҳову назари худро баён намуда, мантиқан онҳоро мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ ҷо ба ҷо мегузорад. Фарзия ва мақсаду ҳадафро муайян намуда мувофиқи онҳо

вазифаҳои таҳқиқотро тавсиф мекунад, ки он дар асоснок кардани истифодаи маводи назариявию методологии мавҷуд ва дастрас буда истифода мегардад. Дар рисола навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот маълум карда шудааст; нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидаанд; марҳилаҳо ва усулҳои пажӯҳиш нишон дода шуда, оид ба санҷиш (тафтиш) маълумот оварда шудаанд.

**Дар боби аввал** «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» муносибатҳои асосӣ дар омӯзиши мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятмандӣ», «салоҳиятмандии байнифарҳангӣ» таҳлил карда шудаанд, моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳиятмандии байнифарҳангӣ мушаххас карда шуда, асосҳои педагогии ташаккулёбии салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ баррасӣ карда шудаанд; равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангӣ ва омодасозии омӯзгорониояндаи ЗХ ба ҳамкорӣ дар заминаи равобити байнифарҳангӣ маълум карда шудааст.

Муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки мафҳуми «салоҳиятмандии байнифарҳангӣ» ҳамчунин бо мафҳуми «фаъолияти мутақобилаи байнифарҳангӣ» вобастагӣ дорад. Ғояи равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ аз он иборат аст, ки раванди таълим ба шахсияти донишҷӯ, ангезаҳо, мақсадҳо, талаботи ӯ нигаронида мешавад, вале барои амалан татбиқсозии шахсият муносибати фаъолмандона муҳим аст, ки зимни он таҷриба ва рушди шахсиятӣ ташаккул меёбад.

Муаллиф тазаккур медиҳад, ки зимни ба амал татбиқгардонии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ӯ кӯшиш намудааст раванди таълимро тавре ташкил диҳад, ки муаллимони оянда худашон ҳамчун субъекти фаъолияти худ амал кунанд: онҳо масъаларо дарк ва ҷудо менамоянд, мақсади омӯзиши ин ё он масъаларо пеш мегузоранд, вазифаҳоро тавҷеҳ

медиҳанд, онҳоро ҳал мекунанд ва метавонанд донишҳои бадастовардаро дар амал истифода баранд.

Дар рисола модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар гурӯҳҳои бисёрэтникӣ ҳаллу фасл гардидааст. Ҳамчун асоси таҳияи модели салоҳиятмандии байнифарҳангӣ қоидаҳои консептуалии методологияи когнитивӣ-байнифарҳангӣ, принсипҳои назарияи банақшагирӣ, қоидаҳои назарияи фаъолмандии таълим ва идоракунии фаъолияти маърифатии муҳассилин амал менамоянд.

**Дар боби дуюм** «Технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳании омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ” масъалаҳои технологияи фаъолияти муштараки педагогии донишҷӯён дар шароити муоширати байнифарҳангӣ ва самаранокии технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифархангӣ дар давраи таълими таҷрибавии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ пешниҳод карда мешавад.

Предмети технологияҳои педагогии муосир фаъолиятҳои мутақобилаи мушаххаси амалии муаллимон ва таълимгирандагон дар ҳама гуна соҳа мебошанд, ки дар асоси сохторикунонӣ, банизомдарорӣ, барномасозӣ, стандартикунонии тарзҳо ва усулҳои таълим ё тарбия ва ғайра ташкил карда шудаанд. Оқибат, натиҷаи мусбати устувор дар азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо аз ҷониби муҳассилин, дар ташаккули шаклҳои иҷтиимоӣ-арзишӣ ва одатҳои рафтор ба даст оварда мешавад.

Унвонҷӯй иброз медорад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии муосир бояд ба раванди инноватсионӣ ва рушди иҷтимоӣ саҳми худро гузоранд ва технологияҳои инноватсиониеро коркард намоянд, ки онҳо ташаккули маҳоратҳои касбии донишҷӯёнро таъмин кунанд.

Фаъолияти мутақобилаи байнифарҳангии пурмаҳсул дар раванди таълим ҳамоҳангсозии амалиёт, ёрмандии тарафайн, дастгирии якдигар, муносибат дар асоси ҳамкории эътимоднокро таъмин менамояд. Дар робита ба фаъолияти мутақобилаи байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи

забони хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ муҳаққиқ кори таҷрибавӣ-озмоишӣ баргузор намудааст.

Муҳаққиқи рисолаи таҳқиқотӣ дар давраи ташаккулдиҳандаи таълими озмоишӣ технологияҳои инноватсионии педагогиро бо истифодаи методҳои интерактивӣ дар машғулиятҳои гурӯҳии интерактивӣ (диалог, полилог, бозиҳои нақшофарӣ, усулҳои ҳамкорӣ дар даста, моделсозӣ, тренингҳо, case-study, муколамаҳои сукротӣ ва ғайра) мавриди истифода қарор додааст, ки дар равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ худинкишофдиҳӣ, шуҷоатмандӣ ва худзоҳирнамоийро пешбинӣ менамояд, иқтидори шахсиятии донишҷӯёнро васеъ мекунад, ба онҳо барои азхудкунии муваффақонаи забону фарҳанги хориҷӣ имкониятҳои бештар медиҳад ва барои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯйн мусоидат менамояд. Дар аксарияти донишҷӯён *дараҷаи баланди ангеза* ба азхудкунии салоҳиятмандии байнифарҳангӣ мушоҳида карда шудааст.

Аз натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ хулоса бароварда шуда, тавсияҳои педагогӣ пешкаш карда шудаанд, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии шакл, роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ мусоидат менамоянд.

Муаллиф изҳор медорад, ки дар рафти корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ робитаи байниҳамдигарии мазмуни таълими забони хориҷӣ дар заминаи забони тоҷикӣ, такмилдиҳии мазмун ва методҳои таълим дар дарсҳои забони хориҷӣ дар асоси баҳисобгирии дастовардҳои методикаи таълим ва фанҳои бо ҳам наздик, инчунин таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами омӯзгорони забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил ва баргузории машғулиятҳо амалӣ гардидаанд.

Муҳаққиқ ба таҷрибаи амалии омӯзгорони забони хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус дода дар як вақт дар раванди кори таҷрибавӣ – озмоишӣ арзишмандии низоми технологияҳои инноватсиониро дар натиҷабахшии мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ баррасӣ намудааст, ки онҳо дар рисолаи диссертатсионӣ дар модел ва ҷадвалҳо инъикос ёфтаанд.

Дар кори таҳқиқотии мазкур раванди афзалиятнокии рушди шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва омодагии касбии омӯзгорони забони хориҷиро дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои рушди фардӣ – шахсиятӣ, иҷтимоӣ – фарҳангӣ ва миллӣ – этникӣ омӯхта, таҳлил ва самтгирӣ карда шудааст.

Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, асос медиҳанд тасдиқ намоем, ки вазифаҳои таҳқиқоти мазкур иҷро гардида *фарзияи таҳқиқот* асоси худро ёфтааст ва натиҷаҳои татбиқи рисолаи илмӣ гувоҳи онанд, ки таҳқиқоти Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфаҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» дорои аҳамияти воқеии илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мебошад.

## Хулоса

Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна кори таҳқиқотии пурра анҷомёфта ҳисобида шуда, натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯ мебошанд. Мазмун ва муҳтавои автореферат ва мақолаҳои илмии дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми ҶТ, Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва Паёми ДМТ (4 номгӯи мақола), маҷмуаҳои мақолаҳои дар дигар маҷаллаву нашрияҳо ба чоп расида (14 номгӯи мақолаҳо) ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташудаи муаллиф мувофиқат менамоянд.

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос.* Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷуён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфаҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба шифри ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

*Вобаста ба мубрамӣ, эътимоднокӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот* комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад, ки диссертатсияи мазкурро ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ва талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуӣ буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор дониста мешавад.

Роҷеъ ба диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна таъин карда шаванд:

- *ба ҳайси муассисаи пешбар*: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ;
- *ба ҳайси муқарризони расмӣ*:
  - Неъматов Саъдуллоҷон Эргашевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
  - Камолова Бибикалон Бобомулоевна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.

Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳо номи мавзуи кори диссертатсионии мазкур *чунин пайгирӣ карда шавад*: «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷуён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфаҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ».

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Ҷамшедов П.

Узви комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент Рӯзиева Л.Т

Узфи комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Маҳкамов М.

Имзоҳои профессорон П.Ҷамшедов, Л.Т.Рӯзиева
ва дотсент М.Маҳкамовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.
26.11.2022 с.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС